## ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Аламуродова Робия Аланазаровна «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ), барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Аламуродова Робия Аланазаровна «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ), ба рамзи ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) тасдиқнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқат мекунад.

**Мубрамияти мавзуи тадқиқ.** Типологияи забонҳо як қисмати забоншиносӣ буда, забонҳоро дар муқоиса бо ҳамдигар ба мақсади муайян намудани хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳо меомӯзад. Таҳқиқоти муқоисавӣ–типологии забонҳои таҳқиқшаванда дар забони муосир хаматарафа рушд ва инкишоф меёбад. Муҳаққиқони ин соҳаи забоншиносӣ диққати боз ҳам бештареро барои муқоиса ва таҳлили забонҳои гуногунсохт ҷудо мекунанд, ҳамон тавре, ки забоншиносони тоҷик М.Н. Қосимова, М. Муҳаммадиев, Ш. Рустамов ва дигарон андеша доранд, ки омӯзиши муқоисавии забонҳо заминаи зарурии муносибати бошууронаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ буда, роҳи бартараф намудани тавофутҳои нутқи модариро нишон дода, яке аз воситаҳои беҳтарини омӯзиши босуръати забони хориҷӣ ба шумор меравад.

Бояд таъкид намуд, ки диссертатсияи Аламуродова Р.А. бо барномаҳои таълимии муассисаҳои тахсилоти олӣ ва мавзуъҳои илмӣ алоқаманди зич дошта, фарогири яке аз масъалаҳои мубрами пажӯҳишҳои забоншиносии муосири тоҷик мебошад.

Диссертант дар назди худ мақсад гузоштааст, ки омӯзиши системавӣ, комплексӣ, муқоисавӣ, сохторӣ, луғавӣ-семантикӣ ва морфологии калимаҳое, ки **«тааҷҷуб/surprise»** -ро ҳамчун як намуди эҳсосот дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ ифода мекунад, ташкил медиҳад. (Автореферат, с. 8). Барои расидан ба ин мақсад ӯ дарёфт ва муқоиса намудани воситаҳои гуногунсохти забонии ифодакунандаи **«тааҷҷуб/surprise»** дар муайян намудани дараҷаи таъсири омилҳои фаролингвистикӣ ва беҳтаршавии механизмҳои луғавӣ-маъноии ташаккулёбии калимаҳои таҳлили муҳокима қарордошта, баровардани

хулосаҳои мушаххаси илмӣ дар асоси таҳқиқоти бадастоварда аз вазифаҳои аслии худ шумурдааст. Чунонки аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, муаллифи он ба мақсади худ ноил гардида, аз уҳдаи иҷрои вазифаҳое, ки дар назди худ гузоштааст, ба хубӣ баромадааст.

Ҳангоми таълифи диссертатсия таҳқиқоте, ки дар самти таҳлили лингвистии луғавиву семантикӣ ва ҳамчунин асарҳои муҳаққиқони барҷастаи ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла Н.Д. Андреева, Л.Л. Нелюбова, В.Г. Гак, Б.А. Илиш, В.Д. Аракин, В.С. Расторгуева, Р. Ғаффоров, Ш. Рустамов, М. Маҷидов, М. Саломов, М.Б. Султонов ва дигарон анҷом дода шудаанд, ба сифати асоси назариявӣ мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳлили муқоисавии сохтор ва нишондиҳандаҳои таркибии майдони луғавӣ-семантикӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба доираи таҳқиқи назариявӣ ва амалии масъалаҳои дастури эҳсосотӣ шомил аст. Муҳаққиқ дар муқаддимаи диссертатсия қайд намудааст, диссертатсияи мазкур ба таҳлили ҳамаҷонибаи калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, мавриди қиёсу муқобала қарор гирифтааст. Ҳамзамон, зикр гардидааст, ки мавзуи мазкур дар гуногунсохтори забонии ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои қиёсшаванда аз тарафи донишмандони нуктасанҷ ботафсил пажӯҳиш шуда бошанд ҳам, аммо таҳқиқи муқоисавии калимаҳои мазкур ҳамчун як намуди эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ то имрӯз мавриди омӯзиши муфассал қарор нагирифтааст, ки ин масъала муҳиммияти мавзуи интихобшударо асоснок менамояд. Аз ин сабаб, ба риштаи таҳлил кашидани майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар ду забони муқоисашаванда, ки гуногунсохти забонии ифодакунандаи маънои эҳсосотро фарогир аст, яке аз мавзуҳои мубрам ва саривақтӣ маҳсуб мегардад. Омӯзиши муқоисавии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise», яъне низоми воситаҳои гуногунсатҳи ифодаи маънои эҳсосот дар заминаи маводи фаровони фактологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ сурат гирифта, дарёфт намудани хусусиятҳои монанд ва фарқкунандаи сохтор ва нишондиҳандаҳои майдони луғавӣ-семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои муқоисашаванда мубрамии мавзуи таҳқиқотро ташкил додааст.

Мазмуни вазифаи луғавӣ-семантикии «тааҷҷуб/surprise» ба маънои эҳсосоти забонӣ, таркибҳо ва таркибҳои онҳо асос ёфта, таъсири мутақобилаи ҷиҳатҳо ва сатҳҳои гуногуни забонро инъикос намуда, тарзи хоси ифодаи вижагигиҳои сохтории ташаккулёбии калимаҳои «тааҷҷуб/surprise»-ро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, майдони луғавиву

семантикии «тааҷҷуб/surprise» ва вазифаҳои семантикии он, ки бо воситаҳои бисёрсатҳии забони мушаххас дар маънои худ амалӣ мешаванд, мазмуни семантикии лингвистии эҳсосотро ифода мекунанд, ки сохтани вижагиҳои луғавӣ-семантикӣ ва равишҳои ташаккулёбии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» мебошад.

Бинобар ин, мавзуе, ки Аламуродова Р.А. барои таҳқиқи илмии диссертатсия интихоб кардааст, яке аз мавзуҳои мубрами забоншиносии муосири тоҷик ва англис ба шумор рафта, дорои аҳаммият ва арзиши баланди илмӣ мебошад. Барои муайян намудани дараҷаи таъсири омилҳои фаролингвистӣ ва беҳтаршавии механизмҳои луғавӣ-семантикии дар забони тоҷикӣ ва муқоисаи он бо забони англисӣ, мақоми онҳо дар таркиби майдон ва паҳншавии нишондиҳандаҳо дар дохили майдон, ки барои омӯзиши муқоисавӣ дар забонҳои қиёсшаванда заминагузор буда, мусоидат хоҳад кард. Таҳқиқи мавзуи мазкур ҳамчунин аҳаммияти забоншиносӣ дошта, ба пажӯҳиши масъалаҳои мавзуи рисола, маводи гаронбаҳоеро муҳайё месозад.

Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз инҳо иборат аст:

- омӯзиши роҳу усулҳои морфологии вожаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар забонҳои қиёсшаванда;
- муайян намудани манбаъҳои калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- муайян намудани вижагиҳои сохтории ташаккулёбии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва ғ.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Тавсия ва хулосаҳо, инчунин истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот аз тарафи диссертант илман асоснок карда шуда, метавонад дар самтҳои тадқиқи муқоисавии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои гуногунсохт ба бардоште расид, ки натиҷаҳои ҳосилшударо ҳангоми таҳияи дастурҳои таълимӣ аз грамматикаи назариявӣ ва амалии забонҳои муқоисашаванда истифода шавад.

Таҳқиқу баррасии мавзуъ дар диссертатсия бар мабнои усулҳои асосии таҳқиқот усули мушоҳида, гипотетикӣ-дедуктивӣ, тасвир ва хулосабарорӣ, дар мавридҳои зарурӣ усулҳои роиҷи забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ ва типологӣ низ ба кор гирифта шудаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори истифодашуда иборат буда, ҳаҷми умумии он 172 саҳифаи чопи стандартии компютериро ташкил мекунад.

**Дар муқаддимаи диссертатсия**, тибқи расмиёти маъмулӣ, муҳиммияти мавзуи диссертатсия асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои он, навоварии илмӣ, усул ва методҳои таҳқиқот, мабнои методологӣ ва назариявӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян ва нуктаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд, баён гардидааст.

**Боби аввали диссертатсия**– «Асосҳои назариявии таҳқиқи муқоисавии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, аз чор фасл иборат аст.

Зикр мегардад, ки омӯзиши таърихии ин ё он забон ба ҳар як забономӯз шароит фароҳам меорад, ки зуҳуроти номафҳуми забони муосирро тариқи муайян намудани сарчашмаҳои таърихии он ошкор намояд.

Муаллиф дар зербобҳои боби мазкур нигоштааст: “Дар амал бошад, на ҳамаи калимаҳои забонро ба осонӣ ҷудо кардан мумкин аст. Барои пурратар фаро гирифтани мафҳуми калимаҳо ва дар ҳамаи мавридҳо ба осонӣ шинохтани онҳо бояд ҳамаи нишонаҳои забонии онҳо дар системаи ягона ҷамъоварда, мавриди омӯзиш қарор гиранд”(с.25) қобили қабул мебошад.

Ҳар як фасл бо натиҷагириву хулосаҳои мушаххас ҷамъбаст гардидааст.

**Дар боби дуюми диссертатсия** – «Тасвири таҳлили маъноиву сохтории калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки фарогири чор фасл мебошад. Дар он зикр мегардад, ки таркиби луғавии забони тоҷик аз қишрҳои гуногуни луғавӣ иборатанд ва вожаҳои ифодагари узви бадани инсон, ки яке аз ин қишрҳоро фаро мегиранду ба гурӯҳи вожаҳои таърихӣ мансубанд таркиб ёфтааст. Маркази майдони офаридаҳои халқанд ва ҳаёти мардумро аз ҷиҳатҳои моддиву маънавӣ ташкил додаанд. Ин воҳидҳои забон сохти устувори маънидор буда, ин падида дар ҳар ду забон ба назар мерасад, ки яке аз хусусияти ба ҳам монанди ду забони қиёсшаванда ба ҳисоб меравад.

Муҳаққиқ дар ин боб дарҷ намудааст, ки дар марҳилаҳои гуногуни таърихи забон ташаккули калимасозӣ дар асоси калимаҳои мавҷуда такмил ёфтааст. Инчунин муаллифи рисола муайян намудааст, ки нидо дар ифодаёбии «тааҷҷуб/surprise» дар ду забон бо калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» чун унсури зарурии нутқи овозӣ мебошад (с. 120).

**Боби сеюми диссертатсия**– «Таҳлили сохтории калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон гирифта, аз чор фасл таркиб ёфтааст. Дар фасли якуми боб созмонёбии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо ёрии аффиксатсия мавриди корбурд аз ҷониби муаллифи асар қарор гирифтааст. Дар зери мафҳуми аффикситсия диссертант яке аз роҳҳои маъмул ва самараноки калимасозӣ,

имкон медиҳад, ки бо роҳи илова кардани аффиксҳо (пешванд, пасванд, миёнванд) ба реша ё пояи калима, маънои онро тағйир дода, тобишҳои нави маъноӣ илова менамояд, шарҳ медиҳад (с.103-104).

Дар ин боб муаллиф кушиш ба харҷ дода, масъалаҳои назариявӣ ва таҳлили хусусияти хоси нидо, оҳанги нутқ, ки дар забони тоҷикӣ нисбат ба забони англисӣ зиёд истифода мешавад дар пеши худ гузошта, мавриди таҳқиқ қарор додааст.

**Дар қисмати хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти ба анҷомрасида баён карда шудаанд, ки дар ташаккули хусусиятҳои луғавӣ-семантикии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар рисоларо ба таври муфассал ҷой дода шудааст.

Мавод ва матолиби рисола метавонад дар оянда зимни таҳқиқоти умумӣ ва густардаи марбут ба майдони луғавӣ-семантикӣ дар ифодаи вазифаи амиқи муоширатӣ хеле муҳим буда, ҳамчунин таълиму тадриси забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва курсу семинарҳои тахассусӣ дар мактабҳои олӣ ва таълифи барномаҳову дастурҳо ва васоити таълимӣ оид ба ин фанҳо истифода гардад. Матолиби дастурии назариявӣ ва амалии забонҳои тоҷикӣ ва англисии ҷамъовардашуда ҳамчунин барои нашри рисолаҳои илмӣ аз рӯйи ихтисоси марбут метавон заминаи муфид фароҳам оварад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ** аз он иборат, ки таҳқиқоти мазкур дар омӯзиш ва таҳлили минбаъдаи дар муайян намудани пахлуҳои мухталифи майдони луғавӣ-семантикӣ дар забонҳои гуногунсохт ҳамчун эҳсосот тааллуқ доранд дар доираи донишҳои илмии забоншиносии муосир, ки хулосаҳои он пойгоҳи муайяни назариявиро дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои мухталифи калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот ва ифодаи марбут ба онро дар забонҳои муқоисашаванда, дар таҳлили дигар низомҳои он ва дар маводи дигар забонҳо мусоидат мекунад.

Маводи диссертатсияро дар курсҳои махсуси грамматикаи функсионалӣ, грамматикаи назариявӣ ва амалии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, курсҳои назарии тарҷума ва типологияи муқоисавии забонҳо, ҳангоми навиштани рисолаҳои илмӣ аз руйи ихтисоси марбут метавон истифода кард.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсия ва ҳамоишҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, ки дар байни солҳои 2021-2024 баргузор гардидаанд, ироа гардидааст. Аз рӯйи мавзуъ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳое, ки КОА-и назди Президенти ҶТ таъйид намудааст, интишор шудааст.

Кори диссертатсионии Аламуродова Р.А. дар асоси меъёрҳои (стандарт) нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзи овардани иқтибос, таҳияи бобу

фасл ва зерфаслҳо, хулосаву рӯйхати адабиёти истифодашуда мутобиқи талаботи меъёрҳои муосири таълифи корҳои илмию таҳқиқотӣ сурат гирифтааст.

Дар баробари дастовардҳои зикршуда диссертатсия ва фишурдаи он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нестанд, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи кори илмӣ хеле муфиданд, аз ҷумла:

1. Асарҳои илмии баъзе муаллифон аз мадди назарӣ муаллиф дур мондаанд, ба монанди таҳқиқоти Назарзода С. «Забон ва истилоҳот» (2003); Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо (2014), ки андешаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳот бахшида шудааст.
2. Дар раванди таҳқиқ муаллифи диссертатсия аз сарчашмаҳои зиёде иқтибос овардааст ва назари муҳаққиқонро ба ин ё он масъалаи илмӣ баён намудааст, аммо ин назарҳоро аз дидгоҳи интиқодӣ баррасӣ ва ақидаи худро нисбат ба онҳо пурра баён накардааст.
3. Агар аз тарафи муҳаққиқ дар қисмати русии автореферат тарҷумаи ҷумлаҳои мисол овардашуда бо забони русӣ навишта мешуданд, қиммати илмии кор боз ҳам беҳтар мешуд.
4. Довталаб барои муайян ва таҳлил кардани майдони луғавию семантикии калимаҳои ифодакунандаи «таааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ба гуруҳҳои тематикӣ тақсим кардани онҳо кори зиёдеро анҷом додааст. Чунин ба назар мерасад, ки илова кардани замима ба матни рисола, ки тамоми тавсифи гурӯҳҳои мавзӯии калимаҳои ифодакунандаи «таааҷҷуб/surprise» - ро дар бар мегирад, арзишманд мебуд.
5. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ва автореферат ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ба чашм мерасанд (с. 9, 13, 22 ва ғ.).
6. Нуқсонҳои дорои хусусияти техникӣ дар дастгоҳи библиографии диссертатсия мушоҳида мегарданд.

Дар маҷмуъ, норасоиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашударо халалдор намесозад, зеро аксари онҳо ислоҳпазир ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Фишурдаи диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), осори илмиву мақолаҳои дар ин замина нашркардаи муҳаққиқ мазмуну мухтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Аламуродова Робия Аланазаровна зери унвони «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илӣ, ки ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Аламуродова Р.А. сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Профессори кафедраи забонҳои хориҷии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои филологӣ Раҳмон Наргис Шариф

Суроға: 734003 ш. Душанбе, н. Сино, хиёбони
Нусратулло Махсум 8/4, 43
Телефон: 917-09-02-99;
Email: nargisbonu66@mail.ru.

Имзои профессор Раҳмон Н.Ш-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Насруддинзода Аслиддин

**Суроға:**734003 ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: (992 37) 224-17-86
www.apa.tj

26 августи соли 2025